# АРТИШ – ҚУВВАВУ ТАВОНОИИ ВАТАН!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1 (201) 21-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025, ҶУМЪА




Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд.

Афсарону сарбозони ватандӯст ва бонангу номуси мо дар давраи бисёр мураккабу вазнин вазифаи таърихии худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон содиқона ва ҷавонмардона иҷро карданд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хизматҳои таърихии фарзандони далеру шуҷои худро ҳамеша пос медоранд ва хотираи ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осудаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

АРТИШ – ҚУДРАТ, ШУҶОАТ ВА ШАҲОМАТ с. 3

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ВАСИЛАИ ТАҲКИМБАХШИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРӢ с. 4

КУРУШИ КАБИР ВА ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ Ӯ с. 5

ВАЗИФАҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ с. 6

АРТИШИ МИЛЛӢ – РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ ВА ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОН с. 13

ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶОМЕА с. 14

ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ – САҲМ ГУЗОШТАН ДАР ИНКИШОФУ ПЕШРАВИИ КИШВАР с. 15

# ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶТ



Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар замони Истиқлолияти давлатӣ таъсис дода шуда, ҳамчун дастоварди муҳимми ин давра, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф, ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Артиши миллӣ бо садоқат ва шуҷоат, дар роҳи ҳифзи марзу бум ва истиқлолият беназир аст. Ҳар як сарбоз ва корманди ҳарбӣ бо меҳнати ҳалолу хидматҳояш ба Ватан ва халқ дорои эҳтироми хосса мебошад. Рӯзи Артиши миллӣ ба мо ёдоварӣ мекунад, ки дар ҳифзи оромии Ватан ва амну суботи он бояд масъулиятшинос бошем.

Имрӯз мо соҳиби заминаи устувор ва сохтори мустаҳками артиш ҳастем, ки саъю талоши ҳар як аъзои он бо вуҷуди мушкилот ва таҳдидҳо, дар амалӣ кардани орзуҳои миллат кумак мекунад.

Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршарафро иҷро намуда, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, ҳимояи озодиву соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзии кишвар, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеаро ба дӯш гирифтанд.

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони нав, хусусан, дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа танҳо бо доштани Қувваҳои Мусаллаҳи мутташаккилу тавоно ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи пешрафтаи ҳарбӣ ва муҳимтар аз ҳама, хизматчиёни ҳарбии ватандӯсту ватанпараст, далеру ҷасур ва содиқ ба давлат ва халқи Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Метавон бо ифтихору қаноатмандӣ қайд намуд, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ замоне, ки барои халқи Тоҷикистон ва давлати тоҷикон вазъияти вазнини ҷангӣ буд, хизмати ҷавонмардонаву таърихӣ карданд.

Бо истифода аз фурсати муносиб тамоми ҳайати шахсии Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, устодону кормандони донишгоҳ инчунин, тамоми мардуми шарифи тоҷикро ба ифтихори 32-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани маҳбубамон қувваи бузург ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Рӯзи Артиши миллӣ муборак бод!**

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

# МЕДАЛИ ҶАШНӢ МУБОРАКУ ФАРХУНДА БОД!

Имрӯз, (21 феврали соли 2025) дар ҳамоиши тантанавӣ бахшида ба муносибати 32-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди азизу гиромӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ Мирзозода П.З. бо медали ҷашнии Вазорати мудофиа сарфароз гардонида шуд!





Ин қадрдонӣ шаҳодати хизматҳои содиқона ва пайвастаи эшон дар рушду такомули илми ватанӣ маҳсуб меёбад.

Идораи моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ устоди гиромиқадр Мирзозода П.З.-ро барои сарфароз гардиданашон ба ин дастоварди ифтихорманд табрику муборакбод намуда, ба эшон саломатии бардавом, комёбиҳои рӯзафзун ва музаффариятҳои нав ба навро таманно менамояд!

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «БЕҲТАРИН КИТОБИ ИЛМӢ, МАҚОЛАИ ИЛМӢ ВА МАҚОЛАИ ИЛМИЮ ОММАВӢ»



Санаи 11.01.2025 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар робита ба эълон гардидани соли 2024 ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ҳамоиш баргузор гардид. Дар ҳамоиш ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китоби илмӣ, мақолаи илмӣ ва мақолаи илмию оммавӣ», ки дар робита ба “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ва 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда буд, муайян гардид.

Чорабинӣ бо сухани муқаддимавии ректори ДМТ, профессор Насриддинзода Э.С. оғоз ёфт.




Зикр шуд, ки дар робита ба Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китоби илмӣ, мақолаи илмӣ ва мақолаи илмию оммавӣ» ба Кумитаи тадорукот 98 мавод пешниҳод гардид. Маводи ба озмун пешниҳодшуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, ғолибон аз ҷониби Пешвои муаззами миллат бо маблағҳои гуногун қадрдонӣ шуданд.

Ғолибон аз рӯи се номинатсия: беҳтарин китоби илмӣ, беҳтарин мақолаи илмӣ ва беҳтарин мақолаи илмию оммавӣ муайян шуданд, ки миёни онҳо устодони факултет низ сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Аз ҷумла:




**БЕҲТАРИН КИТОБИ ИЛМӢ**

1.Шарофзода Рустам Шароф – профессори кафедраи назарияи таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ҷойи якум;

2.Соҳибзода Муҳаммадҷон Муҳаммадалӣ – муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи дуюм;

3. Сангинзод Дониёр Шоҳмаҳмад – профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва Сангинов Комрон Шоҳмаҳмадович – корманди Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи сеюм.




**БЕҲТАРИН МАҚОЛАИ ИЛМӢ**

1.Маҳмудов Иззатулло Тешаевич - мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ҷойи дуюм;

3.Камолзода Илҳом Икром – дотсенти кафедраи назарияи таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ҷойи сеюм.

Сипас бахши фарҳангии чорабинӣ, ки ансамбли халқии “Наврӯз”-и Донишгоҳ бо сарояндагони шинохтаи ҷумҳурӣ омода намуда буданд, пешкаши ҳозирин гардонида шуд.



МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# АРТИШ – ҚУДРАТ, ШУҶОАТ ВА ШАҲОМАТ



Санаи 20 феврали соли 2025 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳ ба муносибати 23 феврал – Рӯзи Артиши миллӣ баргузор гардид.

Дар оғози ҳамоиш декани факултет, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. бо суханони ифтитоҳӣ баромад намуда, аҳамияти таърихии ин рӯзро барои ҷомеаи тоҷикон таъкид намуданд. Зикр гардид, ки ҳифзи Ватан ва вафодорӣ ба давлат яке аз арзишҳои олии ҳар шаҳрванди бонангу номус мебошад.

Дар чорабинӣ инчунин омӯзгорони кафедраи омодагии ҳарбӣ ширкат варзида, дар бораи нақши ҳифзи марзу бум, тарбияи ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ миёни ҷавонон суханронӣ карданд. Қайд карда шуд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муҳити донишгоҳӣ на танҳо дониш ва малака, балки эҳсоси масъулиятро нисбат ба Ватан таҳким мебахшад.

Дар идомаи чорабинӣ донишҷӯёни фаъол, ки дар машғулиятҳои дарсӣ иштироки фаъол доранд, бо ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ шуданд. Ҳамзамон, омӯзгорони кафедраи ҳарбӣ аз ҷониби садорати факултет бо сипосномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШУРОИ САРПАРАСТОН



Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия дар сохтори муассисаҳои таълимӣ ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ таъсис дода шудааст, ки яке аз онҳо Шурои сарпарастон (кураторон) мебошад.

Таърихи 28.01.2025 дар синфхонаи 518 - и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нахустин ҷаласаи Шурои сарпарастони гуруҳҳои академӣ дар соли 2025 баргузор гардид. Дар ҷаласа декани факултети ҳуқуқшиносӣ д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З., муовинони декан оид ба таълим ва тарбия, инчунин 50 нафар сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуданд.

Дар хотима, вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби ҳайати Шуро қарорҳои дахлдор қабул карда шуд, ки барои иҷрои босифат ва саривақтии онҳо тамоми имкониятҳои мавҷуда сафарбар хоҳад шуд.

# ВОХӮРИИ СУДМАНД ДАР ДОИРАИ ЛОИҲАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ТАШАККУЛИ РАВАНДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ



Бахши идоракунӣ ва дарёфти лоиҳаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) дар самти ҷалби грантҳои байналмилалӣ ва татбиқи барномаҳои ҳамкорӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини ин муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад. Ин бахш на танҳо ба таҳияи лоиҳаҳо ва пешниҳоди дархостҳо машғул аст, балки фаъолона шарикони байналмилалиро ҷустуҷӯ намуда, барои маблағгузории ташаббусҳои соҳаи таълим, илм ва тадқиқот кор мебарад.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун як воҳиди калидӣ дар татбиқи ин лоиҳаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Дар вохӯрии шарикон, ки рӯзҳои 21-23-юми январи соли 2025 дар шаҳри Генуяи Италия баргузор гардид, намояндагони донишгоҳ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. ва сардори бахши идоракунии лоиҳаҳои шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Ҳакимова М.Ф., фаъолона иштирок намуда, ҷанбаҳои ҳуқуқии барнома ва саҳми донишгоҳ дар таҳияи стратегияи идоракунии устувор, ки яке аз ҳадафҳои асосии лоиҳа мебошад, мавриди баррасӣ қарор доданд. Иштироки онҳо дар муҳокима ва банақшагирии лоиҳа ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва нақши факултети ҳуқуқшиносӣ дар татбиқи барнома аҳамияти хос бахшид.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК БОШАД, УСТОДИ АЗИЗ!

Рӯзи 28.12.2024 устоди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ Мадвализода Комёр Мадвалӣ рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ», зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, Маҳмудов Изатулло Тешаевич сарбаландона ҳимоя намуд.

Садорат ва ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мадвализода Комёр Мадвалиро бо ин дастоварди арзишманди илмӣ таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмиашон барору комёбиҳои аз ин бештарро орзу менамоянд.



# ВАСОИТИ ТАЪЛИМИИ ҲУҚУҚИ МОЛИЯ ВА АНДОЗ



Соли 2024 васоити таълимии «Ҳуқуқи молиявӣ ва андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери муаллифии Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба Соли маърифати ҳуқуқӣ рӯйи чоп омад. Васоити мазкур бо қарори Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори №04 аз 30.12.2024) барои истифода ҳамчун маводи дарсӣ тавсия шудааст. Он бо забони русӣ мутобиқи барномаи фанни таълимии омода шудааст. Дар васоити мазкур хусусиятҳои мавзуъ ва усули ҳуқуқи молиявӣ ва андозбандӣ, хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ва андозбандӣ, инчунин падидаҳои асосии ҳуқуқи молиявӣ ва андоз баррасӣ гардидаанд. Воситаи таълимии мазкур барои донишҷӯён, аспирантон, омӯзгорони ва кормандони мақомоти молиявӣ ва


МАВЛОНАЗАРЗОДА О.А
ФИНАНСОВОЕ И НАЛОГОВОЕ ПРАВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ДУШАНБЕ - 2024

андоз тавсия мешавад. Воситаи таълимии мазкур манбаи муҳим ва муфид барои омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи молия ва андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ВАСИЛАИ ТАҲКИМБАХШИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРӢ





САНГИНЗОДА Дониёр
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

*Дар асоси моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд. Дар ин замина Президент ҳангоми муайян кардани роҳи сиёсии рушди кишвар аз василаҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ истифода мекунад.*

Яке аз ин василаҳои ҳуқуқӣ Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олӣ мебошад. Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олӣ ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии дорои мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва стратегӣ буда, барои такмили сиёсати ҳуқуқии кишвар дар замони муосир аҳамияти бузург доранд.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад. Хусусиятҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо самтҳои асосии сиёсати давлат амалӣ гардида, заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 28 декабри соли 2024 ироа гардид, кулли самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро фаро гирифта, вазифаҳо барои соли 2025 ва солҳои минбаъдаро низ ифода менамояд. Бо назардошти нақши Паёми Президент дар таҳкими сиёсати ҳуқуқии кишвар онро метавонем фарогири се ҷанба маънидод намоем:

1. Таҳлилу баҳодиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда.
2. Пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда.
3. Пешниҳоди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав ва ё қабули санади нав. Бо назардошти ҷанбаҳои ифодаёфта мисолҳои мушаххасро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

1. Таҳлилу баҳодиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми соли 2024 такид намуданд, ки "Танҳо дар асоси пешниҳоди паёми соли гузашта аз аввали соли 2024-ум маоши хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 40 фоиз баланд бардошта шуд. Аз моҳи июл маоши хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40 фоиз ва андозаи нафақа 30 фоиз зиёд карда шуд. Хотирнишон менамоям, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд".

Заминаи ҳуқуқии ин таҳлилро Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия" ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2020, №1580 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия", аз 13 январи соли 2022, №312 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия", аз 6 феврали соли 2023, №526 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия" ташкил медиҳад.

2. Пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми соли 2024 дастур доданд, ки: "Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад".

Зикр намудан бамаврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" 25 декабри соли 2015, таҳти № 1269 қабул шуда, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани санҷиш, тартиб ва расмиёти ягонаи гузаронидани он, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо муқаррар намуда, ба ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти миллӣ ва ҳимояи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда, нововбаста ба шакли моликияташон, равона карда шудааст.

3. Пешниҳоди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав ва ё қабули санади нав. Дар Паёми соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуданд, ки: "Пешниҳод менамоям, ки бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад".

Дар асоси дастури мазкур 10 январи соли 2025, №915 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ" қабуд карда шуд, ки мутобиқи он ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1 январи соли 2027 мораторий эълон карда шуд.

Дар асоси таҳлили мисолҳои мушаххас бо далел баён менамоем, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси василаи ҳуқуқии таҳкими сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

*Мардуми тоҷик аз давраи қадим то имрӯз ҳамчун миллати соҳибтамаддун бо сарчашмаҳои нодири ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва тамаддуни беназири худ дар байни дигар халқиятҳои олам машҳур мебошанд. Яке аз дастовардҳои бесобиқаи миллати тоҷик санадҳои таърихии қабулнамудаи фарзандони фарзонаи, ки то имрӯз дар танзим ва таҳкими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои инсон ва шаҳрванд нақши беандоза доранд, ба шумор меравад.*

# КУРУШИ КАБИР ВА ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ Ӯ

Дар воқеъ, миллати тоҷик дорои таъриху фарҳанги қадима мебошад, ки далели ин гуфтаҳо яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Эъломияи Куруши Кабир мебошад. Эъломияи Куруши Кабир ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб рафта, бо меъёрҳои инсондӯстона, барои пешрафту инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқу озодиҳои инсон дар аҳди қадим ва дар замони муосир нақши босазо дорад.

Халқи тоҷик, аз замони бостон дар ҳавзаи тамаддуни форсии қадима бо хулқу одоб, таълимоти пешрафтаи динию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати инсондӯстонаю бо хирад тавъами худ пайваста байни халқиятҳои дигар адолату пуштибонии ҳуқуқи манзалати ҷумлаи халқиятҳои сокини қаламраваш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст.

Дар давраи Шоҳаншоҳии Куруши Кабир сарзамини тоҷику форс ба маркази ҳамзистии осоиштаи халқҳои гуногун табдил ёфта буд. Курушро дар Бобул, Форс ва ҳатто дар дигар давлатҳо ҳамчун ҳокими одил, фотеҳи тавоно ва раҳмдил мешинохтанд. Бисёри аз халқҳо ӯро натанҳо шоҳи форсҳо, балки ҳомии адолат медонистанд. Дар шароити имрӯза, ки муноқишаҳои байни халқу миллатҳо зиёданд, таҷрибаи Куруши Кабир метавонад ҳамчун намунаи ҳамзистии осоишта бошад.



МИРАЛИЗОДА Исфандиёр
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Куруши Кабир дар таърихи инсоният бисёр амалҳои наҷиберо ба фарҷом расонидааст, ки то ҳол мавқеи боризи



маълум ва машҳур буданд.

Дар давлати Ҳахоманишиён шоҳони зиёд ҳукмронӣ намуда, ҳар яке аз онҳо дорои рафтор ва хислатҳои хоси худ буданд. Дар байни шоҳони ин давлат Куруши Кабир (558-530 т.м.) бо рафтору амали хеш мақоми хоссаро касб намудааст. Куруши Кабир аз нуқтаи назари файласуфи бузурги немис Гегел, бузургтарин шахсияти сулолаи Ҳахоманишиён буда, нахустин империяи мутамаддини аҳди қадимро дар таърихи башарият бунёд намудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асари «Чеҳраҳои мондагор» Куруши Кабирро ҳамчун шахсияти таърихӣ ва асосгузори нахустин империяи таърихи башар муаррифӣ намудаанд. Муаллиф ибroз медорад, ки Куруши Кабир дар таърихи тамаддуни башар бо сиёсати оқилонаи кишваркушой, таъсиси империяи тавоною мутамаркази ориёй, усули нави идоракунӣ ва шакли мукаммали давлатдорӣ, ислоҳоти умури сипоҳу низоми лашкар, густариши тиҷорату тадбирҳои роҳсозӣ, алалхусус, пойдории худро дар ҳаёти инсоният иҷро менамоянд. Яке аз чунин амалҳо эълони Паём ё Эъломияи ӯ мебошад, ки дар байни мардуми тоҷик бо номи «Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир» ва дар умум дар ҷомеаи ҷаҳонӣ онро бо номи «Эъломияи Куруши Кабир» мешиносанд, ба шумор меравад.

Дар асоси ин Эъломия мардуми қаламрави давлати бузурги Ҳахоманишиён, ки бештар аз ҳафтод халқу миллатро ташкил медоданд, тавонистанд ҳуқуқу озодиҳои худро мавриди ҳифз қарор диҳанд. Эъломияи Куруш яке аз манбаъҳои муқаддаси давлати Ҳахоманишиён мебошад, ки дар он ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил, ҳуқуқ ба моликият ва ғ. ба таври возеҳ дарҷ карда шудааанд.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир соли 539-и пеш аз мелод аз ҷониби шоҳ Куруш – асосгузори воқеии давлати Ҳахоманишиён қабул гардидааст.

Пешвои муаззами миллат дар асари «Чеҳраҳои мондагор» доир ба Эъломияи Куруш Кабир, қайд менамоянд, ки Эъломия аз фарҳанги ориёӣ ва ақоиди инсондӯстӣ сарчашма мегирад, нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст. Ин эъломия, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур аст, дар Музейи Британия маҳфуз буда, шояд намунаи нахустини Эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният бошад.

Матни Эъломияи Куруш бо забони аккадӣ боқӣ мондааст. Дарозии Эъломия 22,5 см ва бараш 11 см-ро ташкил медиҳад. Эъломия дар шакли гилнавишти силиндрмонанд тартиб дода шудааст. Вале оид ба ҳаҷми бандҳо ё сарҳатҳои Эъломия фикри ягона вуҷуд надорад. Ба андешаи баъзе муаллифон матни Эъломия аз 45 сарҳат иборат мебошад. Яке аз аввалин санадҳои таърихии ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Ин санад, ки бо хатти меҳӣ навишта шудааст, асосан дар бораи озодӣ, баробарӣ ва ҳуқуқи инсон изҳорот мекунад.

Мавриди зикр аст, ки 2550 сол муқаддам Куруши Кабир меъёрҳоеро муқаррар намудааст, ки онҳо то имрӯз ба ҳайси нишондиҳандаи рушди волои тамаддуни инсонӣ баромад намуда, ба санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои мамлакатҳои рушкардаи ҷаҳон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши пурқимат ворид гардида амал менамоянд, чунончӣ:

1. Ҳуқуқ ба озодӣ. Дар банди 2-и Эъломия чунин зикр мешавад: «Дар подшоҳии ман ҳар миллат озод аст, ки маро ба шоҳии худ бипазирад ё напазирад.

2. Озодии эътиқод ва дин. Дар Эъломия чунин зикр гардидааст: «Ман эълон менамоям, ки ҳар кас озод аст, ҳар дину оинро, ки майл дорад, баргузинад (интихоб намояд)... ва ҳар гуна ки муътақид аст, ибодат кунад». Куруш ба миллатҳо ва мардумони зери ҳукмронии худ иҷозат дод, ки ба дин ва фарҳанги худ озодона амал кунанд. Ӯ ба онҳо имкон дод, ки озодона дар асоси фарҳангу арзишҳои миллии худ ба ин ё он дин ё мазҳаб пайравӣ намоянд.

3. Ҳуқуқ ба баробарӣ ва адолат. Куруш Кабир дар эъломия зикр мекунад, ки ҳукмронии ӯ дар асоси принсипи адолат ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст. Ӯ ба ҳама халқу миллатҳо баробариро муҳайё намуда, зулму истибдодро аз байн бурд ва адолату озодиро ба тамоми мардум татбиқ намуд.

4. Озодӣ аз ғуломӣ ва манъи шиканҷа. Дар матни Эъломияи Куруши Кабир, ки онро бо хатти форсӣ Амир Ҳуссейн Ҳамзавӣ оварда ва он аз ҷониби профессор Э.С. Насриддинзода бо кириллӣ баргардон шудааст, чунин меъёре ҷой дорад: «То рӯзе, ки ман зинда ҳастам, нахоҳам гузошт, ки мардон ва занонро ба номи барда ва каниз ё номҳои дигар бифурӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд аз гетӣ рахт барбандад, аз Маздо меҳоҳам, ки маро дар тааҳҳудоте, ки нисбат ба миллатҳои Эрон ва мамолики чаҳоргона гирифтаам, пирӯз гардонад». Дар асоси ин меъёр ӯ ғуломонро озод намуда, ҳамаи касонеро, ки аз сабаби ҷанг асир шуда буданд, ба хонаҳои худ баргардонид. Дар замоне, ки мардуми асирафтода зери шиканҷа қарор мегирифтанд ин санад ба онҳо озодӣ аз шиканҷа ва асоратро эълон намуд то ҳар асирафтода тавонад берун аз шиканҷаву зулм ва асорат зиндагӣ намояд.

5. Ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ. Таърих гувоҳ аст, ки аксари ҳокимон ва ҳокимони пешинсиёсати давлатдории худро бо роҳи забту куштор, ғоратгарӣ ва несту нобуд намудани фарҳангу тамаддуни гуногун пеш мебурданд. Дар тафовут аз онҳо Куруш ба фарҳангҳои гуногун эҳтиром мегузошт ва онҳоро ҳифз менамуд. Ӯ ба мардумон озодӣ дод, ки бо забони модариашон гап зананд ва анъанаҳои миллии худро нигоҳ доранд.

6. Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зист. Дар банди 5-и Эъломия чунин меъёр оварда шудааст: «...ҳар кас озод аст... дар ҳар ҷо, ки меҳоҳад, сукунат намояд...». То эълом гардидани ин меъёр касе имконияти аз давлати худ берун баромадан ва зиндагӣ намуданро надошт. Ин санад ба онҳо озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зистро эълон намуд, то ҳар кас тавонад берун аз қаламрави худ макони зист интихоб намуда, зиндагии хешро пеш барад. Ҳамзамон, Эъломияи Куруши Кабир ба муҳоҷирати озодона ва баргардонидани онҳое, ки маҷбуран тарки ватан намуда буданд, ишора мекунад. Масалан, ӯ яҳудиёнро, ки аз ҷониби бабилиён асир шуда буданд, озод кард ва иҷозат дод, ки ба Ерусалим баргарданд.

7. Ҳуқуқ ба моликият. Ҳуқуқ ба моликият дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеъи намоёнро ишғол менамояд ва барои амалишавии тамоми дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон замина муҳайё месозад. Ин аст, ки Куруши Кабир дар банди 3-и Эъломия ба ин меъёр чунин ишора менамояд: «... нахоҳам гузошт, ки касе молу амволи дигареро бо зӯр ва ё ҳар равиши нодурусти дигаре аз ӯ бидуни пардохти арзиши воқеии он бигирад».

Меъёрҳои Эъломияи Куруши Кабир то имрӯз моҳияти худро гум накардаву истифодаи онҳо дар санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ва дигар санадҳои миллию байналхалқӣ ба чашм мерасад. Воқеан, Эъломияи Куруши Кабир бозёфти нодире мебошад, ки ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар тули таърих баромад кардааст ва дар замони муосир низ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти бузург дорад. Имрӯз, аксари давлатҳои ҷаҳон ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ меъёрҳои Эъломияи мазкурро ҳамчун сарчашма ба таври васеъ мавриди истифода қарор додаанд. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои Эъломияи Куруши Кабирро дар самти эъмори давлатдории муосири тоҷикон ва бунёди ҷомеаи соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона васеъ истифода бурдааст ва бурда истодааст.

# ВАЗИФАҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2025 солҳои 2025-2030 ҳамчун Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон карда шуданд.

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ карда шудааст, ҳадафҳои он, аз ҷумла таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошанд. Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 истифодаи васеи технологияи муосир дар назар дошта шудааст.

Қобили тазаккур мебошад, ки имрӯзҳо дар кишвар ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидан ба раванди рақамикунонӣ, васеъ истифода намудани технологияҳои муосир, аз ҷумла технологияҳои рақамӣ ва вусъат бахшидан ба рушди иқтисоди рақамӣ як қатор чорабиниҳои гуногун мавриди амал қарор дода шудаанд.

Дарҷ бояд намуд, ки рушди технологияҳои муосир (рақамӣ) ва равандҳои гуногуни истифодаи он, ки бо мақсади рақамишавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ равона шуда, замони муосирро аз дигар давраҳои гузашта фарқ менамояд, зеро дар даврони ҳозира саҳми технология ва таъсири онҳо ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар дараҷаи бағоят баланд бояд арзёбӣ шаванд. Бо истифодаи технологияҳои муосир соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди рақамишавӣ қарор гирифта, раванди мазкури рақамишавӣ рӯз аз рӯз васеъ шуда истодааст. Албатта, рақамишавӣ ва истифодаи васеи технологияи рақамӣ дар маҷмуъ раванди мусбат мебошад, зеро дар ин раванд як қатор соҳаҳо фаъолияти худро боз ҳам пурсамартар намуда, бо истифода аз дастовардҳои технологияи муосир як қатор мушкилиҳои соҳа, ки пештар ҳалли онҳо имконнопазир буданд, ҳалли мусбии худро ёфта истодаанд ва ё роҳҳои ҳалли мушкилии мавҷуда мавриди баррасии мутахассисони соҳа қарор гирифтаанд. Дар маҷмуъ метавон чунин қайд намуд, ки истифодаи технологияи рақамӣ ба рақамишавии равандҳои мавҷуда дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Дастовардҳои мазкур ва равандҳои истифодаи васеи технологияи рақамӣ, инчунин рақамишавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зарурияти танзими ҳуқуқии ин соҳаро ба миён оварда, муқаррар намудани қоидаҳои рафтори ягона ба тамоми иштирокдорони ин равандҳо, мушаххас намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокдорони ин равандҳо ва муқаррар намудани самти инкишофи танзими ҳуқуқии равандҳои мазкур маҳз вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ мебошанд. Аз ин ҷо, дар назди илми ҳуқуқшиносӣ як қатор муаммоҳо ва саволҳое низ ба миён меоянд, ки бояд онҳоро аз лиҳози назариявӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, ҷиҳати такмил ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди рақамӣ ва пешрафти инноватсия пешниҳодҳои дахлдор таҳия намуд.

Консепсияи умумии танзими ҳуқуқии рақамишавӣ. Пеш аз оне ки дар бораи вазифаҳои мушаххаси илми ҳуқуқшиносӣ дар самти рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия сухан ронем, мехостем консепсияи умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни татбиқи дастовардҳои технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт ба миён меоянд, мавриди баррасӣ қарор диҳем. Зеро, танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо, ки дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд, ба диди (фаҳмиши) классикии ҳуқуқ, аз ҷумла категорияҳои классикии ҳуқуқӣ ба монанди субъекти ҳуқуқ, объекти ҳуқуқ, ҳуқуқҳои субъективӣ, речаи ҳуқуқӣ ва дигарҳо аз нуқтаи назари умумии ин категорияҳо мутобиқат намекунанд. Масалан, то ба ҳол баҳсҳо вобаста ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ давом доранд, ки сабаби ин баҳсҳо маҳз аз мутобиқат накардани категорияҳои классикии ҳуқуқӣ ба унсурҳои иқтисоди рақамӣ мебошанд.

Аз ин ҷо, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии равандҳои мазкур бояд консепсияи умумии тазими ҳуқуқии ин равандҳо баррасӣ карда шавад. Дар ин асно, фикр дорем, консепсияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дарҷкарда: 1) ё дар асоси категорияҳои классикии ҳуқуқии мавҷуда бо назардошти хусусиятҳои техникии равандҳои мазкур, аммо бе коҳиш додани муқаррароти асосии принсипҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо; ва ё, 2) дар асоси категорияҳои нави ҳуқуқие, ки бояд аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос баррасӣ, коркард ва пешниҳод шаванд, сурат гирад.



**Фируз СУЛАЙМОНОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Банда дар он нуқтаи назар мебошам, ки дар замони ҳозираи рушди хеле ва хеле босуръати технологияи муосир ва зарурияти андешидани чораҳои дахлдор ва натиҷабахш ҷиҳати танзими гузариши ҳарҷӣ зудтар ба иқтисоди рақамӣ ва инноватсия барои баррасӣ ва омӯзиши баъзе аз масъалаҳо вақти тӯлонӣ мавҷуд нест. Зеро, танзими равандҳои мавҷуда дар самтҳои гуногуни иқтисоди рақамӣ танзими «ҳаминҷо ва ҳоло» (бо истилоҳи забони русӣ «здесь и сейчас»)-ро талаб менамоянд. Барои ҳамин ҳам, фикр дорем, ки ҳоло ҷиҳати пешниҳоди заминаи ҳуқуқии равандҳои рақамишавии иқтисодиёт танзими умумии равандҳои мазкурро дар асоси категорияҳои классикии ҳуқуқӣ бояд ба роҳ монд. Аммо, ин суханҳо маънои онро надоранд, ки ҷиҳати танзими равандҳои рушдёбандаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсия илми ҳуқуқшиносӣ навовариҳоро набояд баррасӣ кунад. Албатта, чунин фикррონӣ ғалат хоҳад буд, зеро худи талаботи равандҳои иқтисоди рақамӣ танзими худро маҳз тибқи категорияҳо ва падидаҳои нави ҳуқуқӣ талаб хоҳанд намуд. Аз ин ҷо, фикр мекунем, ки худ татбиқи категорияҳои классикии ҳуқуқӣ нисбат ба равандҳои рақамишавӣ бо мурури замон категорияҳои нави ҳуқуқиро ба миён хоҳанд овард.

Новобаста аз ин, дар ҳеҷ ҳолат чунин навоварӣ муқаррароти принсипҳои асосии ҳуқуқӣ, ба монанди принсипи баробарҳуқуқӣ, принсипи қонуният, принсипи дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, моликияти хусусӣ ва дигар принсипҳои умумиҳуқуқие, ки тамоми қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз онҳо бармеоянд, набояд маҳдуд ва ё ин инкор намояд. Пас, консепсияи умумии танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар кишвар бояд дар омехтагии ду усули дар боло дарҷгардида сурат гирад.

Бо ин назардошт, чунин вазифаҳои асосии илми ҳуқуқшиносиро дар ин самт мехоҳем дарҷ намоем:

Амалӣ намудани танзими ҳуқуқии рақамишавӣ бо назардошти волоияти ҳуқуқи инсон. Муссаллам аст, ки волоияти ҳуқуқи инсон яке аз принсипҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, заминаи асосии фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро ташкил намуда, моҳият ва мухтавои муқаррароти тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар мебошад. Вобаста ба ин, ҳангоми коркард ва таҳияи назарияҳои илмии гуногун ҳамеша бояд инсон ва ҳуқуқҳои он ба мадди аввал гузошта шаванд. Вазифаи мазкур бояд ҳамчун вазифаи аввал, якуминдараҷа ва ҳамешагии илми ҳуқуқшиносӣ баромад намуда, илми ҳуқуқшиносӣ бояд коркардҳои худро ҷиҳати илман асоснок намудани истифодаи технологияи рақамӣ бо назардошти арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқи инсон роҳандозӣ намояд.

Баррасӣ намудани чаҳорчӯбаи таҷдиди категорияҳои классикии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими равандҳои рақамишавӣ. Чи гуна дар боло қайд намудем, танзими равандҳои рақамишавӣ, ҳарчанде дар заминаи категорияҳои классикии ҳуқуқӣ сурат гиранд ҳам, аммо ба ҳар ҳол ин категорияҳо бояд мавриди таҷдид қарор гиранд, зеро бештари онҳо ба пуррагӣ моҳият ва мухтавои равандҳои рақамишавиро дар ҷараёни танзими ҳуқуқии онҳо дарҷ карда наметавонанд. Пас, саволе ба миён меояд, ки то ба куҷо метавонанд ин категорияҳои классикии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими ҳуқуқии равандҳои мазкур тағйир ёбанд, рушд намоянд? Чаҳорчӯбаи таҷдиди категорияҳои мазкур дар кадом сатҳ бояд то кадом андоза васеъ гардад? Аз ин лиҳоз, вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ дар ин самт маҳз баррасӣ намудани чаҳорчӯбаи таҷдиди категорияҳои классикии худ дар ҷараёни танзими равандҳои рақамишавӣ мебошад.

Қобили тазаккур мебошад, ки категорияҳои классикии ҳуқуқие, ки оид ба онҳо дар ин мақола сухан мераванд, асосан, категорияҳо классикии ҳуқуқи маданӣ мебошанд, аз қабили ҳуқуқи ашё, ҳуқуқи уҳдадорӣ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва дигарҳо. Зеро, дар қисми бештари соҳаҳои марбут ба иқтисоди рақамӣ категорияҳои мазкур истифода мешаванд ва аз ин нуқтаи назар пеш аз ҳама вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, маҳз баррасии масъалаҳои таҷдиди категорияҳои классикии ҳуқуқии ин соҳа мебошад. Бояд тазаккур намуд, ки аллакай дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ чунин категорияҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, тибқи Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2024 таҳти № 440 тасдиқ карда шудааст, истилоҳи «шартномаи ҳушманд (смарт-контракт)» истифода бурда мешавад, ки ба сифати он аҳде, ки тавассути алгоритми компютерӣ (протокол) барои худкоргардонии иҷрои шартҳо ва созишҳои аз ҷониби тарафҳо муайянкарда пешбинӣ шудааст, эътироф мегардад. Дар ин асно, саволҳои гуногун ба миён меоянд. Масалан, то кадом андоза шартномаи ҳушманд (смарт-шартнома) ба сифати шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда шуда, чун факти ҳуқуқӣ (аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ) асоси бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъгардии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектон (тарафҳои он) баромад менамояд? Оё шартномаи ҳушманд ба сифати асоси ба миён омадани уҳдадориҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва ё ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ мегардад?

Инчунин, дар Низомномаи Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ истилоҳи «дороиҳои рақамӣ» истифода бурда мешавад, он чун ифодаи рақамии молу мулке, ки муомилоти онҳо дар технологияи низоми иттилоотии муайянгаштаи ғайримарказии тақсимшуда ва ё дар технологияҳои ҳаммонанд тибқи қоидаҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ амалӣ карда мешаванд, эътироф мешавад. Аз ин ҷо: дорои рақамиро метавон ба сифати объекти ҳуқуқҳои маданӣ эътироф намуд? Агар ба савол дар шакли мусбӣ ҷавоб диҳем, пас объекти кадом намуди ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (ҳуқуқҳои уҳдадорӣ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ) ин дороиҳо эътироф мешаванд?

Чунин саволҳо тақозои онро доранд, ки категорияҳои маданӣ-ҳуқуқии классикӣ, аз ҷумла категорияҳои «шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ» ва ё «ҳуқуқҳои субъективии маданӣ» ба таври бояду шояд наметавонанд тамоми паҳлуҳои равандҳои рақамишавиро дар бар гиранд. Пас, дар ин ҳолат танзими ҳуқуқии равандҳои рақамишавӣ дар асоси чӣ бояд сурат гиранд? Фикр дорем, ки танзими унсурҳои гуногуни равандҳои рақамишавӣ (масалан, шартномаи ҳушманд ва ё дороиҳои рақамӣ), бояд бо назардошти моҳияти онҳо сурат гирифта, категорияҳои дахлдори мавҷудаи классикӣ ҷиҳати танзими онҳо равона карда шуда, хусусиятҳои рушди ин равандҳо бояд мадди назар карда нашаванд. Масалан, шартномаи ҳушманд ҳарчанд дорои иборaи «шартнома» бошад ҳам, аммо он ба сифати шартномаи ҳуқуқии маданӣ (дар маънои классиикии он) эътироф карда набояд шавад ва аз ин бармеояд, ки як қатор меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷорӣ оид ба шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ набояд нисбат ба шартномаҳои ҳушманд татбиқ карда шаванд. Аз ҷумла, ин шартномаҳо чун шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ дар асоси оферта ва аксепт баста намешаванд; онҳо шакли муайяни худро, ки қонунгузорӣ нисбат ба шартномаҳо муқаррар менамояд, доро намебошанд ва ғайраҳо. Аммо, он чун факти ҳуқуқӣ бояд эътироф карда шуда, ҳуқуқҳои дар асоси он ба вуҷудоянда, тағйирёбанда ва қатъшаванда бояд чун дигар ҳуқуқҳои субъективии маданӣ эътироф шаванд.

**(Идома дорад)**

# ФОРМИРОВАНИЕ ЦИФРОВОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И РАЗВИТИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛИ



Рухшона ХОДЖАЕВА
старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права

Послание Лидера нации - Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, рассматривается как важный государственный документ, в котором определена сущность государственного управления и перспективы на будущее. В очередном Послании от 28 декабря 2024 года, Лидер нации обращаясь к Маджлиси Оли Республики Таджикистан, отметил: «Для расширения инновационных процессов и всестороннего использования возможностей цифровых технологий в различных сферах экономики предлагаю объявить 2025-2030 годы «Годами развития цифровой экономики и инноваций».

Цифровое предпринимательство и электронная торговля как направления цифровой экономики, становятся основными драйверами экономического роста в современном мире. Эти явления не только трансформируют предпринимательскую деятельность (бизнес-пейзаж), но и создают новые возможности для предпринимательства (бизнеса), потребителей и всего общества в целом. В последние десятилетия развитие технологий и широкое распространение интернета кардинально изменили традиционные формы ведения предпринимательства, открыв горизонты для новых моделей торговли и бизнеса.

1. Что такое цифровое предпринимательство?

Цифровое предпринимательство (или е-предпринимательство) — это процесс создания и управления бизнесом, который использует цифровые технологии для предоставления продуктов и услуг. Это включает в себя использование интернета, мобильных приложений, облачных вычислений, искусственного интеллекта, блокчейна и других инновационных технологий для ведения бизнеса.

Цифровое предпринимательство проявляется в различных формах: от стартапов, основанных на инновационных интернет-платформах, до крупных компаний, активно интегрирующих технологии в свою деятельность. Успешные цифровые предприниматели фокусируются на том, чтобы предоставить высококачественные услуги или товары, максимально соответствующие потребностям и ожиданиям своих клиентов.



2. Роль технологий в цифровом предпринимательстве

Технологии играют ключевую роль в формировании цифрового предпринимательства. В первую очередь, это связано с возможностями, которые предоставляет интернет. Сегодня все больше людей могут работать удаленно, создавать бизнесы, используя онлайн-ресурсы, платформы и сервисы, которые делают процессы разработки, маркетинга, продажи и обслуживания клиентов быстрее и доступнее.

Среди технологий, поддерживающих цифровое предпринимательство, можно выделить: Облачные технологии: позволяют малым и средним бизнесам уменьшать затраты на инфраструктуру и ресурсы, а также обеспечить гибкость и масштабируемость.

Искусственный интеллект и анализ данных: помогают предпринимателям лучше понимать потребности потребителей, улучшать качество обслуживания и предсказывать тренды.

Платежные системы: развиваются в области финансов, обеспечивая безопасные и удобные способы оплаты. Интернет вещей (IoT): способствует созданию новых продуктов и услуг, связанных с умными устройствами и автоматизацией.

3. Развитие электронной торговли. Электронная торговля (e-commerce) является неотъемлемой частью цифрового предпринимательства. Это процесс покупки и продажи товаров или услуг через интернет, который охватывает широкий спектр действий: от создания онлайн-магазинов до обеспечения доставки товаров и послепродажного обслуживания.

Рост электронной торговли можно объяснить несколькими ключевыми факторами: Доступность интернета и мобильных устройств: Все больше людей имеют доступ к интернету, а смартфоны позволяют совершать покупки в любое время и в любом месте.

Изменение потребительских привычек: Покупатели все чаще предпочитают делать покупки онлайн, поскольку это удобнее и экономит время. Онлайн-торговля предоставляет им огромный выбор товаров и услуг.

Упрощение логистики и платежных систем: в последние годы значительно улучшились условия для доставки товаров и развития платежных систем. Это создало удобные и безопасные способы совершения онлайн-покупок.

Согласно статистике, объем электронной торговли продолжает расти. Например, в 2023 году глобальные продажи через интернет превысили 5 триллионов долларов США, и этот показатель будет расти в будущем. Электронная коммерция охватывает различные формы торговли: B2C (бизнес для потребителя), B2B (бизнес для бизнеса), C2C (потребитель для потребителя), а также новые форматы, такие как социальная торговля и голосовая торговля.

4. Влияние на экономику и общество. Цифровое предпринимательство и электронная торговля не только меняют структуру бизнеса, но и оказывают значительное влияние на экономику. В частности, они способствуют созданию новых рабочих мест в области IT, маркетинга, логистики и финансов, а также способствуют диверсификации экономик, снижая зависимость от традиционных отраслей.

С социальной точки зрения, электронная торговля делает товары и услуги доступными для более широких слоев населения. Это способствует развитию новых потребительских привычек и упрощает процесс покупок. В некоторых регионах электронная торговля и цифровые технологии становятся инструментом для преодоления географических и социально-экономических барьеров.

5. Проблемы и вызовы. Несмотря на все свои преимущества, цифровое предпринимательство и электронная торговля сталкиваются с рядом вызовов: Конкуренция: Рынок электронной торговли становится все более насыщенным, что требует от предпринимателей поиска уникальных предложений и инновационных решений.

Безопасность: Проблемы с защитой личных данных и онлайн-платежей остаются актуальными, что вызывает у потребителей опасения по поводу безопасности своих финансов.

Зависимость от технологий: Внедрение и поддержка цифровых технологий требуют значительных инвестиций и квалифицированных кадров.

Регулирование: Отсутствие единых правил и стандартов в сфере электронной торговли может создавать правовые и экономические риски для бизнеса.

6. Перспективы и тенденции. Будущее цифрового предпринимательства и электронной торговли связано с несколькими важными тенденциями: Рост искусственного интеллекта и автоматизации: Применение ИИ в маркетинге, логистике, обслуживании клиентов и производственных процессах продолжит развиваться.

Использование блокчейн-технологий: Блокчейн может значительно улучшить прозрачность и безопасность операций в электронной торговле. Интеграция с социальными платформами: Социальная торговля, где товары можно покупать прямо через социальные сети, продолжит набирать популярность.

Экологическая устойчивость: Все больше компаний ориентируются на устойчивое развитие и экологически чистые решения, что будет стимулировать рост «зеленого» бизнеса.

Цифровое предпринимательство и электронная торговля становятся важными факторами, определяющими развитие экономики в XXI веке. Они предоставляют новые возможности для предпринимателей и потребителей, создавая гибкие, доступные и эффективные способы взаимодействия. В то же время, для достижения успеха в этой области необходимо учитывать современные вызовы и развивать соответствующие технологии, инфраструктуру и навыки.

Лидер нации в своем Послании акцентировал: «Правительство страны регулярно принимает меры с целью создания благоприятных условий для развития предпринимательской деятельности».



ШЕРАЛИЗОДА Марям
студентка 2 курса

# НАЦИОНАЛЬНАЯ АРМИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ГОРДОСТЬ И ОПОРА ГОСУДАРСТВА

Каждое суверенное государство крепко стоит на трёх столпах: народ, власть и армия.

Сильная армия – это символ могущества и независимости любого государства. Национальная армия Республики Таджикистан, созданная 23 февраля 1993 года, стала истинным воплощением мужества, чести и преданности Родине. Пройдя через трудности становления, она превратилась в надежный щит, охраняющий покой страны и её граждан.

С момента своего основания армия продемонстрировала несгибаемую силу духа и готовность защищать государственность. Солдаты и офицеры, стоящие в её рядах, – это настоящие патриоты, для которых служение Отечеству является высшей честью. Они закалены в непростых испытаниях, обучены лучшими инструкторами и обладают всеми необходимыми навыками для обеспечения безопасности республики.

Сегодня Национальная армия Республики Таджикистан – это не просто военная структура, а мощная организация, готовая противостоять любым вызовам. Она включает в себя сухопутные войска, обеспечивающие защиту на земле, воздушные силы и войска ПВО, охраняющие воздушное пространство, мобильные подразделения, способные оперативно реагировать на любые угрозы, и пограничные войска, стоящие на страже рубежей государства.

Сегодня, спустя более трёх десятилетий, Национальная армия Таджикистана продолжает своё развитие, укрепляя обороноспособность страны. Её солдаты – это гордость нации, пример истинного героизма и мужества. Под их защитой Таджикистан остаётся мирной и процветающей страной, уверенно смотрящей в будущее. Народ гордится своими защитниками, и каждый воин, стоящий на страже Родины, знает: его труд – это вклад в силу и независимость государства.

Как говорит наш Президент, многоуважаемый Эмомали Рахмон: “Отважные сыновья таджикского народа, за тридцать лет независимости не раз мужественно и гордо выполняли свои служебные обязанности и свой сыновий долг перед Родиной, государством и таджикским народом.”

Таджикистан благодаря своей армии будет и дальше гарантировать стабильность в регионе , обеспечивать мир и процветание для своих граждан. Национальная армия остаётся не только стражем безопасности, но и гордостью всей нации , символом её силы , решимости и единства

# ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ - САҲМГУЗОРӢ












# БАРОИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ВАТАН

















# ПАЁМИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ЗАМИНАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**РАҲМОНЗОДА Муҳаммад**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

**«Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад.»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар замони муосир дар баробари хатарҳои мавҷуда ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа коррупсия низ ҳамчун яке аз зуҳуроти хавфнок ва харобиовар барои ҷомеа махсуб мешавад.

Аз замони касби Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Чунончи, Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024 таъкид доштанд: “ Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон чораҳои судмандро амалӣ созанд. Ҳамчунин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро харҷи зудтар таъмин намоянд. Дар ин раванд, то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд. Дар бисёр кишварҳо нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80 – 90 фоизро ташкил медиҳад. Ин яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии коррупсия мебошад..”

Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар айни замон як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд, ки бевосита ба рафъ намудани омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия дар ҷомеа нигаронида шудаанд ва дар баробари ба низом даровардани дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба коҳиш додани сатҳи коррупсия дар ҷомеа низ таъсиргузоранд. Аз замони тасвиби «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» дар таърихи 25-уми сентябри соли 2006 то ба имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуданд.

Санади меъёрии ҳуқуқии асосӣ дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 7-уми августи соли 2020, №1714 мебошад, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мӯътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Дар навбати худ, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта то ин муддат дар ҷумҳурӣ ду санади барномавии дурнамо, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» қабул гардида, амалӣ карда шуданд.

Дар илова ба санадҳои номбурда, инчунин бо мақсади фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, таҳти №222 “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия ва қабул карда шуд. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии Стратегияи мазкур аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

Барои амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои болозикр дар давраи амали ин Стратегия чунин тадбирҳо бояд роҳандозӣ карда шаванд:

— муайян намудани роҳҳои мусири пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;

— баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба коррупсия ва дар ин замина фароҳам овардани шароити тоқатнопазирии ҷомеа бо падидаи коррупсия;

— бо дарназардошти пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ мунтазам такмил додани қонунгузории зиддикоррупсионӣ;

— муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба коррупсия;

— пешбинӣ кардани чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии коррупсия, инчунин муайян намудани иҷрокунандагон ва мӯҳлати он;

— муайян намудани тартиби назорати иҷрои чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ;

— тақвияти низоми ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия;

— муайян кардани шаклҳои баҳодиҳии вазъи коррупсия дар ҷумҳурӣ;

— баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт;

— ташаккули мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои коррупсия;

— муайян, ошкор ва кофтукови даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва мусодираи он, тақвият бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт;

— такмили низоми қонунгузории зиддикоррупсионӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ;

— татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия дар доираи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қобили тазаккур аст, ки мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ чораҳои мақсаднoки фаҳмондадиҳии муқовимат ба коррупсия буда, тавассути воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет, суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ ва роҳҳои дигари дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида амалӣ карда мешаванд. Зимнан, муқовимат ба коррупсия бо иштироки васеи аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ба амал баровардa шуда, самаранокии он ба иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамандӣ дорад.

Дар ин замина, вазорату идораҳои марбута, ташкилоту муассисаҳои гуногун ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба масъалаи рафъи омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар самти муқовимат ба коррупсия тадбирҳои муайян роҳандозӣ намуда истодаанд. Фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ — Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин радиф қобили тазаккур мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар асоси банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, №222 “Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, бандҳои 1 ва 2 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) Барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нақшаи кории дохилиидоравӣ ҷиҳати амалисозии Стратегияи мазкур таҳия ва тасдиқ гардида, татбиқи чорабиниҳо аз рӯи он чараён дорад.

Табиист, ки пешгирии ҳама гуна зуҳуроти номатлубу зиёновар, махсусан коррупсия заминаи асосии риоя гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон махсуб ёфта, муқовимат ба он кори дастаҷамъонаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, суръат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки арзишҳои асосии фарҳанги миллӣ ва афкори оштинопазир нисбат ба коррупсия ҳифз карда шуда, бахри боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чораҳои самаранок андешида шаванд. Расидан ба ин ҳадафҳо дар ҳолате муяссар мешавад, ки дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба вуҷуд овардани фазои оштинопазирӣ ба коррупсия ва ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ҳар як фарди ҷомеа фаъолона иштирок намояд.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2021 таъкид доштанд: “Барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад.”

# АРТИШИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТНОКИИ ИН РӮЗИ ТАЪРИХӢ БАРОИ ХАЛҚИ ТОҶИК



**БУРҲОНЗОДА Бунафша**
донишҷӯйи соли 2

Яке аз пояҳо ва рукнҳои муҳимтарини давлати қудратманд, ки дар он сулҳу субот, низому тартибот, осудаҳолии халқ, якпорчагии давлат ва аз ҳама муҳимтар истиқлолият ҷой дорад - Артиши миллӣ ба ҳисоб меравад, ки Ватани мо низ-Ҷумҳурии Тоҷикистон хушбахтона 32 сол қабл рӯзи 23-юми феврал тавонист ноил ба ин кор гардад. Кишвари мо баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давлати тозаистиқлол ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи худ шурӯъ кард, то ки якпорчагии давлатро ҳифз намуда низому интизомиро дар дохили кишвар таъмин намояд. Таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ дар он замон ки вазъияти кишвар басо ногувор буд ва ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар авҷ буд, осло кори саҳлу сода набуд, чунки таъсиси чунин як мақомот, ки мебоист вазифаҳои муҳимеро бахри осудаҳолии кишвар ба анҷом расонад ва дар он замон кори бисёр душвор кишвари ҷавони мо ба ҳисоб мерафт. Нақши президенти кишварамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ кам набуда, ин шахсияти боҳирад тавонист бо сиёсат ва донишу малакаи нотакрори худ дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ва ба эътидол овардани вазъи ноороми кишвар хишти асосиро гузорад. Санаи 18-уми декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикситон Эмомалӣ Раҳмон Қарор "Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикситон" ба имзо расид. Ҳайати он аз ҳисоби бештар аз афсарон собиқ артиши Шуравӣ, ихтиёриён ва дигар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки омодаи хидмат ба ватан буданд, ташкил карда шуд. Ҳамин тариқ 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишварамон-ш. Душанбе бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид ва он ҳамчун рӯзи таърихи ҳар сол дар саросари кишвар чашн гирифта мешавад Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикситон баробари таъсисёбии худ вазифаи муҳимме дошт, яъне бояд кишварро аз бӯҳрони ҷанги шаҳрвандӣ мебаровард, вазъияти кишварро ба оромӣ ва халқро ба осудаги меовард,ки бомуваффақиятона тавонист онро анҷом диҳад. Мардони шуҷоъ ки дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекарданд тавонистанд халқро аз дасти босмачиён ва афкори ҷоҳилона, зулму ғоратгари начот диҳанд. Соли 1999 аввалин машқҳои ҳарбии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар гарнизони Хатлон ташкил карда шуданд. Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурии мо то ин дам тавонист дорои нуфузи баланд, ва дар кори зуд муваффақ гардад ва Ҳукумати кишвар барои устувории ин ниҳоди давлатӣ ва фаъолияти он ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввали таъсисёбии Артиши миллӣ шурӯъ ба бунёди инфрасохторҳо ва таъсиси ҷузъу томҳои нав, то ки тавассути техникаву таҷҳизоти муосир тавонад зӯр ва дархол ба азму иродаи қавӣ мушкилоти дохилӣ ва байни сарҳадиро ҳал намояд. Имрӯз халқи мо шукргузори он аст, ки чунин Артиши қудратманд, истиқлолияти комил ва давлате дорад, ки дар он сулҳу осоиштагӣ ҳукмрон аст. Ҷавонони мо низ дар ин масъала бетараф набуда, бо сарбаландӣ ва хоҳиши том барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ сафарбар мешаванд. Чуноне, ки Пешвои миллат Эмомали Раҳмон дар яке аз паёмҳои худ қайд карданд "Хизматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳи миллӣ - ин ватандорони ҳақиқии Ватани худ мебошанд, ки дар ҳар лаҳза омодаанд, ки барои ҳимояи замини худ ва халқи худ бархезанд.Садоқат ва ҷасорати онҳо сазовори эҳтиром аст".





# ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ СИЛОҲИ ДАВЛАТ

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини давлатдории тоҷикон саҳифаи тозаро ифтитоҳ бахшида, ба рушду пешрафти соҳаҳои гуногун заминаи мусоид фароҳам овард. Мардуми сарбаланди тоҷик баъд аз ҳазор соли бедавлативу тобеият шаҳди истиқлол ва озодиро чашида, ҳамчун ангуштони як даст ва фарзандони як модар аз як гиребон сар бароварда, чиҳати расидан ба дастовардҳои арзанда талош намуд. Давоми солҳои истиқлолият дар тамоми самтҳои ҳаёти давлат дигаргуниву навгониҳои муфиде рӯйи кор омаданд, ки ба баланд шудани нуфузи Тоҷикистон ва таъмини тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ шароити арзанда фароҳам оварданд. Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шоҳсутунҳои бузурги давлат ва дастоварди замони истиқлол аст,



**Озаршоҳ ХАМИДОВ**
донишҷӯйи соли 2

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қувваҳои мусаллаҳро яке аз рукнҳои воқеан бунёдӣ ва муҳимтарини давлат унвон намуда, таъкид доштаанд, ки ҳаёти шахсии Қувваҳои мусаллаҳ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд. Воқеан Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ҳифзи истиқлолу амният ва озодии мамлакат рисолати сипари боэътимодро бо сарбаландӣ иҷро намуда, новобаста аз он ки бо иқтидору нерӯи камтарин таъсис ёфта буд, имрӯз аз лиҳози техникаву ҳаёти шахсӣ ва қудрату имконият торафт ғанӣ мегардад, ки аз таваҷҷуҳи пайваста ва тадбирҳои судманди мақомоти олии мамлакат маншаъ мегирад. Мусаллам аст, ки пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар навбати аввал аз суботи сиёсиву ҷамъиятӣ, сатҳи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ, мубориза беамон бар зидди ҷиноятқорон ва ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватан вобаста мебошад. Сутуданист, ки имрӯз Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъулиятро дар сатҳи баланд иҷро мекунанд. Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фарзандони бонангу номус ва шуҷову далери худро мебинанд, ки ба савганди ҳарбӣ ва ба халқу Ватани худ ҳамеша вафодор ҳастанд. Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактаби шуҷоат, мардонагӣ ва ҷасорат аст, ки ҷавононро дар руҳияи ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ тарбия мекунад.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими Истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд унвон шудааст.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Хизмат ба Ватан аслан хизмат кардан ба падару модар ва бародарону хоҳарони машғули меҳнати осоишта аст. Зеро Ватан ва миллат ду рукни муқаддасест, ки бидуни онҳо ҳеҷ фард сари баланду ифтихори инсонӣ дошта наметавонад»

Имрӯзҳо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мактаби бузурги мардонагӣ, матонату шуҷоат ва кафолати зиндагии орому осудаи халқ, тахти роҳбарии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтори муташаккилу муҷаҳҳаз табдил ёфтааст, ки дар ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти ва иқтидори мудофиавии он нақши бузургу созанда дорад.

Мо донишҷӯёнро мебоист баъд аз хатми макотибҳои олӣ бо сари баланд ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда ба халқу ватанӣ хеш содиқона хизмат карда ватан-модарро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.

# РУШДУ ТАКОМУЛИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ТОҶИК



ШАРИФЗОДА Мақсуд
донишҷӯйи соли 1

Барои пешрафти илму дониш нақши мактабҳои илмӣ назаррас мебошад. Дар мактабҳои илмӣ шогирдон ва муҳаққиқони ҷавон аз устодони варзидаи хеш нозукиҳои илмро аз худ менамоянд, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ низ ин раванд пайваста вусъат пайдо мекунад.

Дониши ҳуқуқӣ танҳо омӯзиш ва аз ёд намудани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ нест. Ин роҳест, ки моро ба дарки моҳияти худ, арзишҳо ва эътиқодҳоямон раҳнамун месозад. Тавассути омӯзиши ҳуқуқ, мо пардаеро, ки шахсияти ҳақиқии моро пинҳон мекунад, ошкор мекунем. Ин ойине хаст, ки моро ба дарки шахсияти ҳақиқии худ мебарад. Он ба мо имкон медиҳад, ки тарсу ҳароси худро бартараф намоем. Ин равандест, ки аз мо далерӣ ва ростқавлиро талаб мекунад. Танҳо тавассути ҳамин худшиносии амиқ мо метавонем мутахассиси ҳақиқии ҳуқуқ гардем ва ба халқу миллат хизмат намуда, номбардори диёри хеш бошем.

Илми ҳуқуқшиносии тоҷик бо таърихи ғанӣ ва олимону шахсиятҳои варзида ба яке аз шоҳаҳои муҳимтарини илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ табдил ёфтааст. Ин илм на танҳо ба таҳияи қонунҳо ва қонунгузорӣ сарукор дорад, балки ба омӯзиши адолат ва татбиқи он дар амал, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва таҳкими давлатдории миллӣ равона карда шудааст.

Ҳуқуқшиносӣ ҳамчун илми мустақил дар даврони Ҳокимияти Шӯравӣ рушд намуд. Бо таъсиси факултаҳои ҳуқуқшиносӣ дар донишгоҳҳои шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои Ҷумҳуриямон тадқиқотҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқшиносӣ дар заминаҳои гуногуни ҳуқуқ густариш ёфт. Баъдтар, пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба таҳияи низоми мустақили қонунгузории миллӣ, ки мақсад аз таъсиси он ташаккули қонунгузории миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон буд, илми ҳуқуқ рушди бемайлон ёфт.

Ҳуқуқшиносони барҷастаи тоҷик имрӯз дар сохторҳои давлатӣ кор ва фаъолият карда, саҳми худро дар пешрафти Тоҷикистон гузошта истодаанд. Китобҳои таълифнамудаи онҳо дар соҳаи ҳуқуқ барои рушди дониши ҳуқуқии донишҷӯён ва ҳуқуқшиносон заминаи мусоиде фароҳам овардааст. Маҳз ин шахсиятҳо бо тадқиқоти худ дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра илми ҳуқуқшиносиро дар кишвар ғанӣ гардонидаанд. Эшон умед бар он доранд, ки шогирдони онҳо низ дар самти илми ҳуқуқшиносӣ мутахассис гардида, мактаби илмии ҳуқуқшиносии тоҷикро бахри ҷаҳониён дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунанд. Исбот намоянд, ки мактаби илмии ҳуқуқшиносии тоҷик даргохест, ки метавонад мутахассисони ботаҷриба ва донишмандро тарбия намуда, ба воя расонад.

Илми ҳуқуқшиносии тоҷик дар замони муосир на танҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ эътибор ва нуфуз пайдо кардааст. Ҳуқуқшиносони тоҷик бо таҳқиқот ва фаъолияти худ дар созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди созмони Милали Муттаҳид, созмони амният ва Ҳамкорӣ дар аврупо (САҲА) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд. Замоне фаро расидааст, ки олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос дастовардҳои худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд. Ин иқдом бори дигар исбот хоҳад намуд, ки илми ҳуқуқшиносии тоҷик ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯст ва аз ҷумлаи пуриктидортарину таъсиргузортарин илмҳои ҳуқуқии дунё маҳсуб меёбад.

Мактаби илмии ҳуқуқшиносии тоҷик бо такя ба таҷриба ва арзишҳои миллӣ пайваста кӯшиш дорад, ки дар баробари дигар мактабҳои илмӣ пешрафт намояд. Ин ҳам ҳам бахри таҳкими давлатдории тоҷикон ва ҳам бахри мустаҳкам намудани мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Илова бар ин, донишмандони тоҷик мекӯшанд, ки низоми ҳуқуқии кишварро ба талаботи замон мутобиқ созанд, то ҳуқуқшиносони оянда тавонанд дар ташаккули ҷомеаи адолатпарвар саҳмгузор бошанд. Бо талошҳои илмии ҳуқуқшиносӣ, ки бо такя ба омӯзиши ҷаҳонӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ таҳия шудааст, Тоҷикистон метавонад дар арсаи ҳуқуқи байналмилалӣ мавкеи хос пайдо намояд. Ин ҳадафҳо ва дурнамо барои рушди илми ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дорои аҳаммияти бузург мебошанд.

# СОВРЕМЕННЫЕ СПОСОБЫ БОРЬБЫ С ТЕРРОРИЗМОМ И ЭКСТРЕМИЗМОМ

**Террористы не имеют ни национальности, ни родины, ни религии.**

**Эмомали РАХМОН**

Современный терроризм и экстремизм представляют собой одну из самых серьезных угроз безопасности государств и обществ по всему миру. С учетом динамичных изменений в технологии, политике и социальной структуре, подходы к борьбе с этими явлениями также эволюционируют. Рассмотрим основные современные методы, используемые в этой области.

**Информационные технологии и кибербезопасность**

С развитием интернета и социальных медиа террористы и экстремисты находят новые способы вербовки, распространения идеологии и планирования атак с чем мы и сталкиваемся в нынешних реалиях . В ответ на это наше государство инвестирует в:

**Мониторинг онлайн-контента.**

Использование алгоритмов искусственного интеллекта для обнаружения радикальных материалов в интернете.

**Киберразведка**

Специализированные команды работают над выявлением и пресечением онлайн-активности группировок.

**Просвещение молодежи:**

Программы, направленные на обучение молодежи критическому мышлению и увеличению осведомленности о дезинформации.

**Законодательные меры**

Для борьбы с терроризмом многие государства принимают специальные законы, направленные на:

- Ужесточение наказаний за террористические действия и финансирование терроризма.

- Контроль за финансированием: Создание механизмов отслеживания денежных потоков, чтобы предотвратить финансирование террористических групп.

- Разработка антикриминальных программ: Законы, направленные на борьбу с вербовкой и распространением экстремистских идей.



**Работа с сообществом и программами.**

Партнерство с местными сообществами играет важную роль в снижении уровня экстремизма. Это включает:

- **Программы по реабилитации**: Специальные центры, которые помогают тем, кто был связан с экстремистскими группами, восстановиться в обществе.

- **Социальные инициативы**: Поддержка культурных и образовательных проектов, которые развивают взаимопонимание и толерантность между разными этническими и религиозными группами.

- Поддержка сообществ: Укрепление связей между государством и местными жителями для выявления и предотвращения радикализации.

Международное сотрудничество

Терроризм — это глобальная угроза, и эффективная борьба с ним требует международного сотрудничества:

- Обмен разведывательной информацией: Государства работают вместе, чтобы обмениваться данными о террористических угрозах и группах.

- Совместные операции: Участие в международных антитеррористических операциях и учениях с целью обмена опытом и ресурсами.

Поддержка международных организаций: Участие в рамках ООН и других международных структур, которые разрабатывают стратегии борьбы с терроризмом.

Профилактика и образование

– Образование является ключевым компонентом в борьбе с экстремизмом

Образовательные программы.



Саломиддин ШАРОПОВ
студент 4-го курса

Разработка учебных планов, которые акцентируют внимание на правозащитных вопросах, толерантности и гуманизме.

- Поддержка молодежных инициатив: Создание платформ для активной молодежи, где они могут делиться своими мнениями и находить альтернативные способы выражения.

Современные способы борьбы с терроризмом и экстремизмом требуют комплексного подхода, который объединяет технологические решения, правовые меры, работу с сообществами и международное сотрудничество. Важно, чтобы государства не только реагировали на угрозы, но и активно работали над предотвращением радикализации, создавая безопасное и инклюзивное общество для всех. Благодаря нашему многоуважаемому Лидеру нации, Президенту Республики Таджикистан Эмомали Рахмону мы являемся сильно развитыми в этом аспекте, среди стран центральной Азии.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ ВА ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОН

Артиши миллӣ яке аз рукнҳои муҳими давлатдории ҳар як кишвари соҳибистиқлол ба шумор меравад. Он на танҳо сипари боэътимоди ҳифзи марзу бум ва амнияти кишвар аст, балки рамзи ягонагӣ, ваҳдат ва иқтидори миллиро таҷассум мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолияти давлатӣ 23-юми феврали соли 1993 Артиши Миллии худро таъсис дод. Ин иқдом, ки бо ҳидоят ва талошҳои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ шуд, барои таъмини истиқлолият ва суботи давлатдории навини тоҷикон нақши муҳим гузошт.

Дар давоми солҳои охир, бо сиёсати хирадмандона ва ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Артиши Миллӣ ба як нерӯи тавоно ва муҷаҳҳаз табдил ёфта, барои ҳифзи амнияти кишвар ва шаҳрвандон омода аст.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити басо мураккаби сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 90-ум таъсис ёфт. Дар он замон кишвар бо мушкилоти зиёде, аз ҷумла нооромиҳо ва таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди ин, бо талошҳои Пешвои миллат ва дастгирии мардуми кишвар, нерӯҳои мусаллаҳи мамлакат марҳила ба марҳила рушд карда, ба яке аз устувортарин сохторҳои давлат табдил ёфтанд.

Имрӯз Артиши миллии Тоҷикистон дорои воҳидҳои гуногуни низомӣ мебошад, ки бо техника ва таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошанд. Таълиму тарбияи кадрҳои низомӣ, боло бурдани сатҳи омодагии ҷангӣ ва такмили малакаҳои ҳифзи ватан аз самтҳои афзалиятноки рушди артиши кишвар махсуб мешаванд.

Ҳамасола дар доираи ислоҳоти низомӣ, шароити хизмати ҳарбӣ беҳтар гардида, моҳияти ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан дар миёни сарбозон ва афсарон таҳким меёбад. Ҳукумати мамлакат ба ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, шароити зиндагӣ ва фаъолияти онҳоро мунтазам беҳтар месозад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки «Артиши миллӣ яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ ва кафили сулҳу субот дар кишвар мебошад.»

Дар яке аз баромадҳои худ, Сарвари давлат чунин иброз доштанд:

«Мо бояд Артиши миллии худро ҳамчун нерӯи тавонои дифоӣ таҳким бахшем, зеро танҳо бо доштани артиши қавӣ метавонем истиқлолият ва суботи кишварамонро ҳифз кунем.»

Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки артиши мустаҳкам ва омодабош метавонад ба ҳифзи амният, оромии ҷомеа ва пешрафти давлат мусоидат намояд.


Баракатулло БОБОЕВ
донишҷӯйи соли 1

**Аз рӯйи таҳлилҳое ки масъулини ин самт гузарониданд барои боз ҳам пурқувват гардонидани Артиши Миллӣ, метавон пешниҳодҳои зеринро ироа намуд:**

1. Боло бурдани сатҳи омодагии ҳарбӣ – афзоиши шумораи машқҳои ҳарбӣ ва омӯзиши техникаи муосири ҷангӣ.
2. Беҳтар кардани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ – фароҳам овардани манзил ва имкониятҳои беҳтари зиндагӣ барои афсарон ва сарбозон.
3. Баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар миёни ҷавонон – ворид намудани фанҳои ватанпарастӣ ва таълими низомӣ дар барномаҳои таълимӣ.
4. Таҳкими ҳамкориҳои низомӣ бо дигар кишварҳо – омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта барои такмили малакаи низомиён.
5. Рушди технологияҳои мудофиа – ворид намудани системаҳои ҳозиразамони дифоӣ ва баланд бардоштани сатҳи таҳқиқотҳои низомӣ.



**Зарурияти артиш барои ҷомеа:**

Артиши миллӣ на танҳо барои таъмини амнияти давлат муҳим аст, балки он омили муҳими тарбияи насли ватандӯст ва худшинос низ мебошад. Ҷомеае, ки артиши мустаҳкам ва ватандӯст дорад, ҳамеша устувор ва қавӣ хоҳад буд.

Дар шароити ҷаҳони муосир, таҳдидҳои амниятӣ ва геополитикӣ афзоиш ёфтаанд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд бояд дарк намояд, ки хизмати ҳарбӣ на танҳо як вазифаи шаҳрвандӣ, балки қарзи муқаддас дар назди Ватан ва миллат мебошад.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияташ ҳамчун як сипари боэътимод ва қувваи ҳифзи сулҳу субот дар кишвар исботи худро ёфтааст. Бо талошҳои Пешвои миллат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, нерӯҳои мусаллаҳи мо сол ба сол қавитар ва муосиртар мегарданд.

Ҳар як ҷавони тоҷик бояд бо ифтихор хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро анҷом диҳад, зеро ҳифзи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди бонангу номуси кишвар мебошад. Артиши тавоно – кафили сулҳу субот ва пешрафти давлат аст!

# НАЦИОНАЛЬНАЯ АРМИЯ ТАДЖИКИСТАНА: ИСТОРИЯ, РОЛЬ И РАЗВИТИЕ


САЙДУЛЛОЗОДА Беҳрӯз
студент 1 курса

Национальная армия Таджикистана является одной из важнейших государственных структур, играющей ключевую роль в защите независимости и обеспечении национальной безопасности. После обретения независимости в 1991 году Таджикистан столкнулся с множеством угроз, что потребовало создания собственных вооружённых сил. В этой статье рассматриваются история создания, роль и процесс развития Национальной армии Таджикистана.

**История создания Национальной армии:**

После распада Советского Союза Таджикистан остался без собственной армии. Советские войска покинули территорию республики, оставив её без организованных вооружённых сил. В этих условиях 23 февраля 1993 года по указу Президента Республики Таджикистан была создана Национальная армия Таджикистана.Первые годы становления армии были сложными, так как в стране шла гражданская война. Недостаток необходимого оборудования, профессиональных военных кадров и политическая нестабильность создавали дополнительные трудности. Несмотря на это, правительство смогло постепенно сформировать вооружённые силы и заложить основу для их дальнейшего развития.

**Развитие и модернизация Национальной армии Таджикистана:**

Национальная армия Таджикистана является ключевым элементом государственной системы, обеспечивающим защиту суверенитета, безопасности и стабильности страны. С момента своего основания армия прошла значительный путь развития, превратившись в современную и надежную оборонительную силу.

Модернизация военной техники и оборудования:

Благодаря поддержке государства и сотрудничеству с международными партнерами, такими как Россия и Китай, Национальная армия Таджикистана активно обновляет свой арсенал. Поставки современного вооружения, бронетехники и систем связи значительно повышают боеспособность вооруженных сил. Россия, в частности, подтверждает готовность и далее вносить вклад в модернизацию Вооруженных сил Таджикистана.

**Улучшение боевой подготовк:**

Для повышения профессионализма военнослужащих в стране созданы специализированные учебные центры и военные академии. Регулярно проводятся совместные учения с союзниками по Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и другими партнерами, что способствует обмену опытом и укреплению оборонного потенциала. В ноябре 2021 года в Таджикистане успешно прошли крупномасштабные учения по линии КСОР стран-членов ОДКБ.

**Улучшение условий службы и социальной поддержки:**

Правительство Таджикистана уделяет особое внимание улучшению условий службы военнослужащих. Строятся современные военные городки с развитой инфраструктурой, обеспечиваются достойные жилищные условия для офицеров и их семей. Кроме того, предпринимаются меры по повышению заработной платы и социальной защиты военных кадров.

**Патриотическое воспитание и военная подготовка молодежи:**

Важным направлением является воспитание у молодежи чувства патриотизма и готовности к защите Родины. В образовательных учреждениях введены программы начальной военной подготовки, проводятся военно-патриотические мероприятия и конкурсы, способствующие формированию у молодых людей ответственности за будущее своей страны.

Заключение:

Национальная армия Таджикистана является символом силы и независимости страны. Несмотря на трудности на начальном этапе, сегодня она представляет собой устойчивую и боеспособную силу, готовую защищать Родину. Продолжение реформ и дальнейшее развитие армии помогут обеспечить ещё более высокий уровень безопасности государства.

# ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶОМЕА




Бо мақсади муқовимат ба терроризм ва экстремизм ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки сатҳи мукаммали муқовимат бо ин падидаи номатлуб аз ҷониби давлатҳо ба роҳ монда шавад. Дар ҷомеаи муосир терроризм ва экстремизм аз ҷиддитарин таҳдидҳо алайҳи субботу амнияти ҷаҳонист, аз ин рӯ, барои муқовимат ба ин падидаҳои манфӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – динӣ андешида шудааст. Ҳамзамон, барои таъмини самаранокии механизмҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар кишвар заминаи ҳуқуқии муқовимат гузошта шудааст. Давлатҳои муосир кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки қонунгузории миллии худро дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм боз ҳам мустаҳкам намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардиданд.

Терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) дар миқёси ҷаҳон ниҳоят рушд ёфта, хатари калони ҷамъиятӣ дорад ва барои бехатарии давлатҳо ва минтақаҳо воқеан таҳдидҳоро ба вуҷуд овардааст.

Терроризм ва экстремизм дар шароити кунуни ҷинояти дорои хусусияти глобалӣ буда, мубориза алайҳи он ҳамкории зич ва мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеаро тақозо менамояд. Таҳдиди терроризм ва экстремизм бо истифодаи яроқи ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ, инчунин ба объектҳое, ки террористон онҳоро барои анҷом додани кирдори зӯроварӣ интихоб мекунанд, имрӯзҳо на танҳо чун ҷинояти дохилидавлатӣ, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад, балки чун ҷинояте баррасӣ мегардад, ки дар маҷмӯъ метавонад ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ зиён оварад.

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии



**АРБОБЗОДА Хайрулло**
ёрдамчии прокурори ҳарбии гарнизони Суғд

Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо экстремизм" пеш аз ҳама ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат иборат буда, баҳри ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ, барҳам додани таҳдиди экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм равона карда шудааст.

Дар баробари ин қайд кардан бамаврид аст, ки оқибати ҳуқуқии кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Баҳри ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ба ин зуҳуроти номатлуб даст задаанд Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳоро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, тибқи қисми 1 моддаи 179 терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

Татбиқи ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷинояти нав амалӣ карда мешавад. Тарбия намудани шахс ҷиҳати иҷрои қонунгузории кишвар метавонад таҳдидҳои террористиву экстремистиро аз байн барад.

Таҳлили ҷараёни вазъи вобаста ба мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизм (ифротгароӣ) гувоҳӣ медиҳад, ки дар айни замон терроризми байналмилалӣ ба Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ ба минтақа таҳдид менамояд ва он беш аз пеш хусусияти трансмиллӣ ва глобалӣ пайдо мекунад. Объектҳои таҷовузи террористӣ ҳодимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, объектҳои таъиноти стратегӣ ва ҳаётан муҳим қарор мегирифтанд. Вақтҳои охир раванди устувори ба ҳам пайвастани терроризм бо шаклҳои мухталифи ҷиноятҳои трансмиллӣ: гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва яроқ ҳамчун манбаи асосии маблағгузорӣ, дуздии одамон, зархаридӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи геополитикӣ ва геоиқтисодии худ ҳанӯз ҳам тахти таҳдиди хатари таҷовузи терроризм ва экстремизми (ифротгароии) байналмилалӣ қарор дорад. Ба ин маънӣ вазъи ниҳоят мураккаби баъзе аз давлатҳои ҷаҳон, ки дар онҳо як қатор марказ ва созмонҳои динӣ-экстремистӣ, пойгоҳҳои тарбияи террористон ва таҳрибкорон амал мекунанд, ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари ҷиддӣ дорад.

Аз ин лиҳоз ҷиҳати танзими ҳуқуқии масъалаи болозикр ва баҳри ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани ин зуҳурот бояд ҷораҳои зарурӣ андешида шавад.

*«Service in the Armed Forces is considered a school of valor for young people, and the most important aspect of the country's defense policy is educating military personnel in the spirit of patriotism, self-awareness, and self-knowledge, as well as providing them with good service conditions and compliance with military regulations.»*

*Emomali Rahmon*

# NATIONAL ARMY – SCHOOL OF VALOR



**Abdurahmon RAHMONOV**
student of 3rd year

Defending the Homeland is the mission of every young man, and it is the source of all other sacred duties of the country's youth. Patriotism comes from faith, therefore we must always serve the Homeland with a pure heart and always put national interests above personal interests.

The history of Tajikistan's National Army begins on December 18, 1992, when the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, signed the Resolution «On the Establishment of the Armed Forces of the Republic of Tajikistan.» On February 23, 1993, the first military parade was held in the country's capital, Dushanbe, and this day was officially declared as the founding date of the Armed Forces of the Republic of Tajikistan.

During the difficult years of independence (1992-1997), officers and soldiers of the Armed Forces faithfully fulfilled their patriotic duty, properly carrying out their filial and civic mission in stabilizing the situation, ensuring peace and stability, and neutralizing extremist and terrorist groups.

Today, the Armed Forces of the Republic of Tajikistan consist of infantry, border, artillery, air force, and other military units, equipped with modern weapons and military equipment. It employs professional specialists and meets international standards in terms of content and essence.

According to Article 43 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, protection of the Homeland, defense of state interests, strengthening independence, security, and its defense capabilities is the sacred duty of every citizen. Service in the country's Armed Forces is now a source of pride for the young generation, once again testifying to the prominent role of this important segment of society in protecting national interests and the integrity of the Homeland.

Every year, hundreds of young people from various regions are called up to the country's Armed Forces and fulfill their manly duty to the Motherland in military units across different areas of the state. During military service, young people are educated in the spirit of patriotism, courage, determination, and justice, and are prepared to protect and maintain state security.

Today, the Armed Forces of Tajikistan have become a battle-tested, courageous, and patriotically loyal force, a powerful defender of the country. Alongside other national values, it is considered one of the important sacred institutions of the state – a fundamental pillar of national statehood.



# ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ – САҲМ ГУЗОШТАН ДАР ИНКИШОФУ ПЕШРАВИИ КИШВАР



Машраби ДАВРОН
прокурори калони шуъбаи назорати умумии прокуратураи ВМКБ, ҳуқуқшиноси дараҷаи 2

Нақши интихобот, ҳамчун чорабинии муҳими сиёсӣ дар инкишофу пешравии ҷомеа назаррас аст. Мо бо боварии комил метавонем тамоми дастоварду музафариятҳоеро, ки тули солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ҷомеаи Тоҷикистон ба он муваффақ гаштааст, ҳамчун самараи падидаи сиёсии интихобот эътироф намоем. Яке аз дастовардҳои бузург ва нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб меёбад. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад. Дар асоси Конститутсияи амалкунанда то кунун давра ба давра интихоботи Маҷлиси Олӣ ва интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор гардидааст. Тибқи Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4 декабри соли 2024 таҳти №882 рӯзи 28-уми марти соли ҷорӣ шаҳрвандон маротибаи дигар имкон пайдо менамоянд, ки Маҷлиси Олии даъвати навро интихоб намоянд.

Мувофиқи моддаи 9-и Конститутсия ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон мувофиқи моддаи 48 бошад, Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҶТ мебошад. Бинобар ҳамин яке аз дастовардҳои муҳими интихобот он аст, ки ба воситаи он дар давлат шохаи асосии ҳокимияти давлатӣ – яъне қонунгузорӣ ташаккул меёбад. Бесабаб нест, ки як боби мустақил, яъне боби сеюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бахшида шудааст. Маҳз фаъолияти самаранок ва бомароми Маҷлиси Олӣ заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилии фаъолияти муназзами тамоми рукнҳои муҳими давлатдориро дар Тоҷикистон фароҳам меорад. Аз ин рӯ, боисрор бояд таъкид сохт, ки интихоби дуруст омили ҳамагуна пешравихост. Дар маҷмӯъ, метавон якчанд самтҳои афзалиятноки нақши калидии интихоботро дар пешравию инкишофи ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон номбурд: 1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам оварда шудааст. 2. Таъмини сулҳ, ваҳдати миллӣ, субботу ҳамдигарфаҳмӣ, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, таъмини шароити арзандаи зиндагонии мардуми кишвар, дастгирии ҳамешагии маъюбону ятимон, таъмини тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар аз он дастовардҳои бузурги Тоҷикистонанд, ки дар натиҷаи татбиқи дуруст ва бомароми натиҷаҳои интихобот ба даст омадаанд. 3. Боло бурдани обрӯ ва эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ ва мақомоти давлатӣ, кафили якпорчагии кишвар ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, фурӯзон кардани гулхани умед ва боварӣ ба оянди дурахшони Тоҷикистон дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ аз беҳтарин ва арзишмандтарин комёбиҳои падидаи интихобот ба ҳисоб меравад. 4. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ густариш ёфт. Ҳамасола аз ҷониби Маҷлиси Олӣ садҳо қонунҳое таҳия, кабул ва бознигарӣ карда мешаванд, ки дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ саҳми калон доранд. Зеро танҳо қонунҳои босифат ва ҷавобгӯй ба талаботи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонанд, ки пешрафти соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро дар Тоҷикистон таъмин намоянд. 5. Заминаҳои боэътимоди эҳё ва инкишофи иқтисоди миллӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, ривоҷи иқтисодиёти бозоргонӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба истеҳсолоти ватанӣ руйи кор омаданд. 6. Натиҷаи таҳлилҳои интихоботҳо дар Тоҷикистон шуруъ аз соли 1994 то ба инҷониб тамоюли рӯ ба болоравӣ овардани иштироки фаъолонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ нишон медиҳад. Чунин амали шаҳрвандон албатта падидаи нек аст. Ин ҳолат гувоҳи аз он медиҳад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсии кишвар ва низоми идоракунии давлатдорӣ аз боби масъулиятшиносӣ ва иҷрои қарзи шаҳрвандӣ дар назди давлату миллат кор гирифта, муҳим будани райъи худро барои таъмини пешрафт ва дурнамои дурахшони Ватани маҳбубамон беш аз пеш дарк намудаанд. Пас ҷойи ифтихор аст, ки фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон сол аз сол боло рафта истодааст. Бо назардошти хатарҳои глобалии ҷаҳони муосир, пайомадҳои ногувори равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҷрибаи талхи давлатҳои хориҷӣ мо мардуми сарбаланду шарифи Тоҷикистон беш аз ҳар вақта ухдадорем, ки тамоми кушишу ғайрати хешро баҳри эмин нигоҳ доштани тамомияти арзӣ, якпорчагӣ ва амнияти кишвари азизамон аз таҳдиду мафкураҳои беруна равона намоем ва падидаи интихоботро ҳамчун омили асосии муттаҳидкунандаи миллат ба нафъи пешрафти шукуфоии Тоҷикистон истифода барем.

Бо истифода аз фурсати муносиб аз тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, ки соҳиби ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд, лутфан даъват ба амал меорем, ки рӯзи 2-уми марти солӣ ҷорӣ дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳалли вакилони халқ фаъолона иштирок намуда, барои ободиву пешрафт ва ояндаи неки Тоҷикистони азиз мавқеи худро муайян намоянд. Овози ҳар як интихобкунанда барои тақдири минбаъдаи давлату миллати тоҷик ҳалкунанда аст. Яъне, иштирок дар интихобот ин саҳм гузоштан ба инкишофу пешравии кишвар аст.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ АМНИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА СУБОТИ КИШВАР

*Артиши миллии Тоҷикистон яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва рамзи истиқлолияти кишвар мебошад ва ҳамчун унсури асосии низоми мудофиавии давлат дар таъмини амнияти миллӣ ва суботи кишвар нақши калидӣ дорад.*

Таъсиси ин сохтори низомӣ дар кишвар ба пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ рост омад. Дар ин давра зарурати ҳифзи тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишвар ба вуҷуд омад. Дар давраҳои аввали таъсис ба артиш қувваҳои кадрӣ намерасид, зеро аксари афсарону мутахассисон ё пас аз пошхӯрии ИҶШС кишварро тарк карда буданд ё таҷрибаи хизмат дар давлати мустақилро надоштанд. Бо талошҳои пайвастаи фарзонафарзандони миллат ва афсарону сарбозони далер имрӯз артиши миллии мо ба сохтори тавонои ҳарбие табдил ёфт, ки барои иҷрои вазифаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини тартиботи дохилӣ иқтидори кофӣ дорад.

Дар шароити мураккаби вазъи геополитикӣ ва афзоиши таҳдидҳои терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, бахусус дар минтақаи ҷануби Тоҷикистон, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст, нақши артиши миллии кишвар барои пешгирӣ намудани аҳолӣ аз ин хавфу хатарҳо бағоят калон аст. Сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон, ки беш аз 1400 километр тӯл дорад, ба яке аз минтақаҳои осебпазир табдил ёфтааст. Мавқеи ҷуғрофии кишвар омодагии баланди ҷангии нерӯҳои мусаллаҳро талаб мекунад. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, аскарони шуҷои Ватан дар Артиши миллӣ дар ҳамкорӣ бо Қушунҳои сарҳадии назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратӣ сарҳадро мардонавор ҳифз намуда, аз вуруди гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунии душман ва интиқоли маводи мухаддир пешгирӣ мекунанд.

Мубориза бо гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Артиши миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи солҳои охир, бахусус амалиёти зиддитеррористӣ дар манотиқи гуногуни марзӣ ва дохилии кишвар собит кардааст, ки нерӯҳои мусаллаҳи Тоҷикистон омодаанд дар ҳолатҳои душвор ва фавқулода ба таври касбӣ ва бо омодагии баланди ҷангӣ амал намоянд. Амалиёти пайвастае, ки бо ҳадафи аз байн бурдани гурӯҳҳои мусаллаҳи душман сурат мегирифтанд, нишон дод, ки Артиши миллӣ омодаи қатъиян аз байн бурдани ҳар гуна таҳдидҳост.



ШАРИФЗОДА Махсуд
донишҷӯйи соли 1

Фаромӯш набояд кард, ки Артиши миллӣ дар навбати худ ҳам вазифаи мудофиавиро иҷро мекунад ва ҳам масъули нигаҳдории субот ва тартибот дар дохили кишвар аст.

Дар таҳкими амнияти миллӣ ҳамкории зичи Артиши миллӣ бо аҳолӣ ва ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ нақши муҳим мебозад. Тоҷикистон ҳамчун узви Паймони амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай пайваста дар тамриноти муштараки низомӣ ширкат варзида, таҷрибаи нерӯҳои мусаллаҳро такмил медиҳад. Чунин ҳамкориҳо бо Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат имкон медиҳад, ки ба талаботи муосири мудофиавӣ ҷавобгӯ бошад. Имрӯз хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи шаҳрвандӣ ва шарафи ҳар як шахси ватандӯст ва ҷасури миллати тоҷик аст.

Артиши миллии Тоҷикистон кафили боэътимоди соҳибихтиёрӣ, амнияти миллӣ ва сулҳу суботи давлати азизамон буда, омодагии ҳамешагии он ба ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои миллӣ, гарави сулҳу оромии мардуми тоҷик аст. Мо - ҷавонон аз садоқат ва ҷасорати ҳомиёни Ватан ибрат гирифта, барои ҳифзи истиқлолияти давлати ҷумҳуриямон ҳамеша омодаем!

Бигзор Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то абад устувору поянда бошад, ваҳдати миллӣ ва сулҳу оромӣ дар фазои Тоҷикистони офтобрӯямон танинандоз бошад!




# 23 - ЮМИ ФЕВРАЛ РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

*23 юми феврал тибқи Қонуни ЧТ “Дар бораи рӯзҳои ид” ҳамчун рӯзи таъсисёбии қувваҳои мусаллаҳи ЧТ ба иди расмӣ-давлатӣ табдил ёфтааст ва ҳар сол ҷашн гирифта мешавад. Таъсиси Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба се марҳила ҷудо кардан мумкин аст. Мақсади асосии давраи аввали сохтмони Артиши миллӣ ин ташкили қувваҳои мусаллаҳе буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро дошта бошад. Дар давраи дуюм вазифаи асосӣ такмили сохторҳои ташкилию штатии навъҳои асосии артиш ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра навъҳои асосӣ - Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои ҳарбию ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ таъсис ёфтаанд.*

Марҳилаи сеюми сохтори Артиши миллӣ баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ мухолифини муттаҳидаи тоҷик (ОТО) оғоз гардид. Баъд аз гуфтушунидҳои бисёр, ниҳоят 27 - уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва байни ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифини муттаҳидаи тоҷик созишнома имзо шуд, ки он ба Ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон хотима гузошт.

Бояд қайд кард, ки бузургии давлат аз бузургии Қувваи артишаш, қувваи бузурги артиш бошад, аз ҷавонони бо нангу номус ва ватандӯсташ вобастагии калон дорад.

Ҳар як фард ва ҳар як шаҳрванди ЧТ бо сарбозаш фахр мекунад, барои он ки ҳар кас ҳам сарбоз шуда наметавонад. Ба сарбоз 3 чизи аз ҳама муқаддасро бовар карда вазифадор мекунанд.

- 1) Ватанро аз бегонагон муҳофизат намудан.
- 2) Модари азизу меҳрубонро посбонӣ намудан.
- 3) Дар ҷаҳон сулҳро пойдор намудан.

Тоҷикистон зодаи истиқлолият буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтааст. Бинобар ин мо бояд шукронаи истиқлолият намоему дар обод гаштани Ватани азизамон саҳми хешро гузорем. Дар ин муддати кӯтоҳ таърихи ҷузъу томи он ба нерӯи қудратманди низомӣ, муҳофизи сулҳу субот ва фазои оромиву осудаи кишвар табдил ёфта, ҳоло ба Ватан ва халқи худ содиқона хизмат мекунем. Артиши ҷавони Тоҷикистон, хусусан дар солҳои душвори фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомии кишвар дар ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, безарар гардонидани гурӯҳҳои ифродгарои ва ҷиноятҳои трансмиллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги хиёнаткорона бар зидди давлат ва ҷомеа саҳми сазоворе ҷавонмардона гузошта истодаем.

Ҳар сол 23-юми феврал дар сар то сари Тоҷикистон рӯзи Артиши миллӣ ҷашн гирифта мешавад. 23-юми феврали соли 1993 нахустин паради ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардид ва ин рӯз расман санаи таъсисёбии қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон эълон карда шуд. Имсол мо 32-солагии рӯзи Артиши миллиро ҷашн мегирем. Ин аст, ки мо дар 32 соли фаъолияти артиши миллӣ рӯзҳои сахту сангинро пушти сар карда, аз озмоишҳои шадиди ин солҳо гузаштаанд ва имрӯз ба нерӯи қудратманди низомӣ муҳофизи сулҳу субот ва фазои оромию осудаи кишвар табдил ёфта , барои ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватани азизамон собитқадамона рушду такомул ёфта истодааст. Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи таъсиси қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нерӯи бузурги низомӣ, артиши қудратманди Тоҷикистони азизамон саҳми босазо гузоштаанд.

Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ барои Тоҷикистони навистиқлол лозим омад, қувваҳои мусаллаҳи худро таъсис диҳад, ки он тавоноии таъмини истиқлолият ва ҳимояи мардумро дошта бошад. Дар суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки Артиши миллии Тоҷикистон дар вазъияти бисёр вазнини



**РАҶАБЗОДА Хусрав**
**донишҷӯйи соли 4**

сиёсиву иқтисодии кишвар таъсис дода шуд. Бо мурури замон Артиши миллии Тоҷикистон ба яке аз нерӯҳои пурқудрат табдил ёфт. Ин албатта кӯшишу ғайрати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини суботу амният, осоиштагии ҳаёти мардум, мустаҳкам кардани марзу буми кишвар буд.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст”.

Хизмат ба Ватан ин яке аз нишонаҳои муҳаббат ба ватан аст, аммо на ҳар кас ба ватани худ содиқона хизмат мекунад, нафароне ҳастанд хиёнат ба Ватан мекунанду боре намеандешанд, ки Ватанро бояд содиқона дӯст дошт. Хизмат ба Ватану халқ кардан ҳар як фарзанди вафодори миллат аст.